Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

1 октябри соли 2002. Сешанбе № 76 (12818)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Ба омӯзгорон ва мураббиёни Ӯзбекистон

Дӯстони азиз!

Шумоён, соҳибони касби аз ҳама боифтихор, бунёдкорони ояндаро, ки халқ бо ифтихор маърифатпавар гуфта ба забон мегирад, бо иди умумихалқӣ— Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён аз таҳти дил, самимона муборакбод менамоям.

Ин рӯзи мутантанро мо ҳамеша бо ҳаяҷон, ҳисси эҳтироми беҳудуд нисбати омӯзгорон ва мураббиёни фидокор қайд менамоем, ки ба ҳар кадомамон дониш додаанд, сабақҳои ҳаётро омӯзондаанд.

Сабаби он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки халқамон ва мамлакатамон дар симои шумоён ташаббускорони вафодор ва саховатқалбро мебинад, ки на танҳо ба ҷавонон таълим медиҳед, балки дар қалби онҳо муҳаббатро нисбати Ватан ва мақсадҳои воло ҷойгир месозед, тамоми ҳаёти худро ба тарбияи фарзандони азизамон мебахшед, то ки онҳо одамони сазовор, ҳамаҷониба баркамол шуда ба воя расанд.

Ба ҳамин маънӣ агар бигӯем, ки шумоён, садҳо ва ҳазорон омӯзгорони меҳнатдӯст бо диққат ҳамчун волидон ба фарзандон муносибат мекунед, Ватан ояндаи худро ба онҳо бовар карда месупорад, ягон муболиға намебуд.

Омӯзгорон ва мураббиёни азиз!

Ҳар як инсон, ҳар як падару модар дар ин олам бо орзуву омоли хушбахтӣ ва фаровонии фарзанди хеш умр ба сар мебарад. Ва орзуи бузурги ман, ки мазмуни фаъолият, мазмуни ҳаёт, мақсади бузургам аст, дидани ояндаи бузургу дурахшони Ватан, такмил додани авлоди наврас мебошад.

Дар роҳи ҳосил шудани ин мақсади дурахшон, дар кори ба рӯи об баровардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ман шумоёнро ҳамфикр, ҳамсалаф ва ёвари наздики худ мепиндорам.

Гуфтаниам, ки дар айёми кунунии мураккаб давлатамон кӯмаки худро аз омӯзгорон ва мураббиён дар ҳаллу фасли вазифаҳои умдаи муҳиме, ки дар наздашон истодааст, дар фароҳам овардани шароити зарурӣ ба онҳо дареғ намедорад, тамоми имкониятҳоро барои идома доданиислоҳоти доманадор дар соҳаи таълим, барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд сафарбар мекунад.

Ба шумоён эҳтироми амиқамро баён карда, ба ҳамматон тансиҳҳатӣ, хушбахтӣ, бахту саодат, комёбиҳои навро дар меҳнати ҳайратон таманно дорам.

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

*1 октябр—Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён*

## Чашму гӯши ҷамъият

Мафҳумҳои «омӯзгор», «муаллим», «мураббӣ» барои пиру ҷавон, барои ҳамаи соҳибони касбу кор азизу мукаррам аст. Зеро ҳамаи онҳо чӣ дар муассисаи томактабӣ, чӣ дар мактаб, чӣ дар коллеҷу литсей, чӣ дар мактаби олӣ аз устози худ—омӯзгор, мураббӣ ва муаллим сабақ бардоштаанд. Аз ин рӯ вақте ки омӯзгор мегӯем, пеши назарамон сараввал муаллими нахустинамон, мактаби азиз, шинохтани дунё, солҳои беғубории бачагӣ, ки бо навиштану хондан гузаштааст, ҷилвагар мегардад, устодони худро бо эҳтиром ва миннатдорӣ ба ёд меоварем. Чунки ҳамагон хуб дарк кардаанд, ки меҳнати омӯзгор он қадар осон нест. Вай бо меҳнати пурмашаққат, таҷрибаи ҳаётӣ, меҳри бекиёс ба дили ҳар як муҳассил роҳ меёбад, на танҳо сирру асрори илмро меомӯзонад, балки дар дили он меҳри Ватан, ҳурмат ба рӯҳи аҷдодон, садоқат ба кишвару сарзамин барин фазилатҳои неки инсониро ҷойгир месозад. Барои ба камол расондани ҳар як кас намунаи ибрат мегардад.

Имрӯзҳо насли навраси мо, ки фарзандони истиқлол мебошанду ҳамагон дар шароити нав ба камол расидаанд, донишманду иродаашон бақувват, имонашон мустаҳкам асту бо шуҷоати ҷавонӣ ва истеъдодашон шӯҳрати Ватанамонро дар саросари ҷаҳон машҳур мегардонад, самараи меҳнати шумоён, омӯзгорон ва мураббиёни азиз мебошад. Махсусан фаъолияти ҳар яке дар бобати дар ҳаёт татбиқ кардани нуктаҳои Қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, ки марҳалаи навбатии он оғоз ёфтааст, ба шуури қалби фарзандонамон расондани ғояи бунёдкоронаи истиқлоли миллӣ, тарбия кардани онҳо дар рӯҳи ягонагии арзишҳои милливу умумибашарӣ ба таҳсинҳо сазовор аст.

Як нуктаро алоҳида таъкид кардан лозим меояд. Омӯзгорон, мураббиёнамонро барҳақ чашму гӯши ҷамъият мегӯянд. Зеро ахлоқу одоб, гуфтору рафтори онҳо таҳти назорати ҳамагон, назорати ҷамъият аст. Баробари ин касби онҳо боифтихору сермашаққат мебошад.

Тарбияи авлоди баркамол баробари волидону ҷамъият вазифаи дараҷаи омӯзгорону мураббиён ва муаллимон, баробари ин вазифаи умумихалқӣ мебшад. Ва ин ҷиҳати масъала худшиносии онҳоро муайян мекунаду ин ҷиҳати корбарӣ, бешубҳа эътибори омӯзгоронро дар ҳаёт баланд мебардорад. Ва ин масъулияти бузург мебошад.

Имрӯзҳо мо ба ҳамаатон орзуву ниятҳои аз ҳама некамонро таманно карда, вазифаи шогирдии худ, ҳурмату эҳтиромамонро нисбататон боз ҳам амиқтар ҳис мекунем. Аз фурсат истифода бурда, ҳаминро алоҳида зикр карданӣ ҳастем: давлатамон, ҷамъиятамон ба шумоён дар иҷрои вазифаи олиҷанобонаатон, тарбия намудани авлоди баркамол, ки ояндаи мо ба ҳисоб меравад, давомдиҳандаи корҳои некамон ҳастанд, ҳамеша ва мудом мададгор аст ва ба қувваву дониш, маҳорати шумо такя мекунад. Аз ин рӯ ҳамаатонро муборакбод мекунем, тансиҳҳатӣ, хонаободӣ, бахту саодат, дар кори ҳайратон дар бобати коштани тухми некӣ ва муҳаббат дар қалбу шуури авлоди наврас комёбиҳои нав ба навро таманно дорем.

Идатон муборак шавад, мураббиён ва омӯзгорони азиз!

**Аҳли қаламии «Овози тоҷик».**

## Таъзим ба устодон

Халқамон мақоли хубе дорад: «Устод аз падар ҳам бузург аст». Дар замири ҳикмати мазкур маънои зиёде ниҳон аст. Чунки ҳар як шахс дар мактаб таҳсил гирифтааст, аз муаллими нахустини худ ҳарф ёд гирифтааст. Аз ин рӯ дар ҷамъияти мо нисбати омӯзгорону мураббиён диққату эътибори калон дода, меҳнати онҳо муносиб қадр карда мешавад. 1 октябр-иди умумихалқӣ—Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён муқаррар гардидаанаш ҳам аз ин эҳтироми бузург нисбати ин соҳибони касб гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин бобат дар шабнишинӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён сухан рафт, ки дар Театри давлатии мазҳакаи драмаи ба номи Муқимии пойтахт ба амал омада, дар он асосан муҳассил ва омӯзгорони литсеи академии Челонзори назди Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд иштирок намуданд. Директори литсей, доктори илмҳои таърихх Худойқул Тӯраев ба як гурӯҳ муҳассил ифтихорномаҳои даргоҳро супурд. Хонандагон дар навбати худ ба омӯзгорон ва мураббиён гулдастаҳои тару тозаро тақдим намуданд.

Шабнишинӣ бо консерти дастаи ҳаваскорони санъати литсей ва ҳунарварони Театри ба номи Муқимӣ ба анҷом расид.

## Шароити нав-талаби нав

Дар Тошканд 26-27 сентябр конфронси чоруми намояндагони воситаҳои ахбори оммавии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба амал омад. «Озодии матбуот ва коррупсия»-чунин буд номгузории тадбири мазкур, ки дар он беш аз сад паёмнигор аз мамлакатҳои минтақа ҳузур доштанд.

Мулоқоти мазкур, ки дар ҳамкории Ташкилоти амнияту ҳамкории Аврупо ва Муассисоти Ҷамъияти кушод якҷоя ба намояндагони воситаҳои ахбори оммавии мамлакатҳои минтақа сомон ёфта буд, баробари намояндагони онҳо вакилони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва аҳли ҷамъият иштирок намуданд.

Конфронси мазкур аз соли 1999 боз мунтазам гузаронда мешавад. Се конфронси аввал дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон ба амал омада буданд.

Иштирокдорони конфронс оид ба вазъияте, ки дар Осиёи Марказӣ баъди як соли рӯй додани воқеаҳои фоҷиабори 11 сентябри Америко, дар бораи дигаргуниҳое, ки дар воситаҳои ахбори оммавии мамолики Осиёи Марказӣ руҳ додаанд, талабҳои нав, ки баробари ба вуҷуд омадани шароити нав дар назди паёмнигорон гузошта мешаванд, муҳофиза кардани воситаҳои ахбори оммавӣ аз таъсири коррупсия ва таҷрибаи дар ин бобат ҳосилгардида мубодилаи афкор намуданд.

**(Паёмнигори худамон)**

## Оинаи афкори ҷамъиятӣ

Алҳол дар саросари ҷумҳурият маъракаи масъулиятнок—обунашавӣ ба рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз ёфт. Ин аст, ки ба мақсади тарғибу ташвиқи нашрияҳои мухталиф мулоқоту вохӯриҳо ва конфронсҳо ба амал меоянд. Муштариёни маҷаллаи «Афкори ҷамъият: ҳуқуқҳои инсон» ба конфронси худ ҷамъ омаданд, ки муассисони он Маркази омӯзиши афкори ҷамъиятии «Ижтимоий фикр» ва Маркази миллӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон мебошанд.

Иштирокдорони он зикр намуданд, ки Президентамон Ислом Каримов дар маърӯзаи худ дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм яке аз самти устувори ҷамъиятамонро дар ҳаёт воқеан татбиқ кардани усулиятҳои демократӣ, ки кафолати заруририро барои ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон фароҳам меоварад, озодии сухан ва воситаҳои ахбори оммавӣ номбар карданд. Ҳайати эҷодии маҷалла низ барои амалӣ гардондани ин мақсади бузург мекӯшанд.

— Ташкили маҷаллае, ки афкори ҷамъиятиро дар бораи муаммоҳои умдаи ҷамъияти кунунӣ ифода мекард, талаби айём буд, зикр намуд сармуҳаррири маҷалла, раиси Кумитаи оид ба муассисоти демократӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандони Олий Маҷлис, директори Маркази миллӣ оиди ба ҳуқуқҳои инсон Акмал Саидов.—Сарвари давлатамон борҳо зикр намудаанд, ки самти муҳими ислоҳоти демократӣ куллан беҳтар кардани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Баробари ин вақте ки дар мамлакатамон дигаргуниҳои доманадор давом доранд, васеъ истифода бурдани натиҷаҳои омӯзиши афкори ҷамъиятӣ муҳим мебошаду барои саҳеҳӣ даровардан ба фаъолият хизмат мерасонад.

— Акмал Холматович гапи ҳақро гуфт,— сухан гирифт директори Маркази «Ижтимоий фикр», академик Раъно Убайдуллоева.—Афкори ҷамъиятӣ дар бобати қонунофарӣ ва амалӣ гардондани онҳо дар ҳаёт таккони нав бахшида, чӣ гуна таклифу талабҳо доштани гурӯҳҳои мухталифи аҳолиро муайян мекунад, равобитро байни ҳокимият ва ҷамъият мустаҳкам месозад. Ва равшанкунии ин мавзӯъҳо яке аз вазифаҳои асосии маҷалла маҳсуб дониста шудааст.

Маҷалла дар бадали се моҳ як бор рӯи чопро мебинад. Муштариёнаш онро бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва ангилисӣ мутолиа мекунанд. Мақолаҳои олимони ватанамону хориҷа дар бораи сохтани ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати демократии ҳуқуқбунёд чоп мегарданд. Ба чоп кардани мақолаҳо диққату эътибор калон аст, ки он бештар масъалаҳои маданияти ҳуқуқӣ ва шуурнокии ҳуқуқии аҳолӣ, ба вуҷуд овардани шахсият, арзишҳои дӯстдоштаи ҷавонон, рушди муносибатҳои байнимилливу байниконфессиявӣ баррасӣ мегарданд. Дар саҳифаҳои нашрия ҳамчунин ба натиҷаҳои ҳамапурсии шаҳрвандон, ки ба мақсади муайян кардани фикри онҳо дар бобати дар мамлакатамон амалӣ гардондани ислоҳотҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ гузаронда мешаванд, диққату эътибор калон аст.

Ҳини конфронс муштариён, муаллифони доимӣ ва олимон як қатор фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба мавзӯъҳои маҷалла, беҳтар кардани алоқа бо муштариён баён карданд.

**(Паёмнигори худамон).**

*«Суғдиён–2002»*

## Ба пойга саф мекашанд

**Ситоди автопойгаи 15-уми байналмилалии «Суғдиён-2002», ки ба ёздаҳум солгарди истиқлолияти ҷумҳурӣ бахшида мешавад, дар Тошканд созмон дода шуд. Ин пойга, ки 19 октябр аз хиёбони марказии пойтахт оғоз мегирад, ба Рӯзи автомобилистон низ бахшида мешавад.**

Дар тӯли ду рӯз аз шоҳроҳи вилояти Тошканд ба самти кӯҳсори Чимён 400 км. роҳ тай карда мешавад. Кумитаи давлатии варзиш, Ассотсиатсияи давлатии «Ташгорпасстранс», Ҷамъияти варзишию техникии автомобилии «Ралли-сорт» ташаббускорони пойга мебошанд.

Ба Ӯзбекистон чун мамлакати автосаноатӣ чунин мусобиқа зарур мебошад, зеро он барои намоиш додани мошинҳои ватанӣ хеле тадбири бамаврид мебошад. Бо вуҷуди маҳдудиятҳову мушкилоти моддӣ намояндагони Ӯзбекистон дар мусобиқаҳои хориҷи кишвар ширкат намуда, мошинҳои корхонаи «ӮзДЭУ»-ро ба онҳо намоиш медиҳанд. Дар Санкт-Петербург пойгаи байналмилалии «Сестроосетск-98» ва дар Маскав «Мороз-99» барпо шуда буданд, ки дар боду ҳавои сарди Русия мошинҳои мо озмуда шуданд. Пас аз ин мусобиқаҳо таваҷҷӯҳ ба мошинҳои Ӯзбекистон афзуда, хоҳиши зиёде ба вуҷуд омад, ки аз мошинҳои «Нексия» ва «Тико» харидорӣ намоянд.

Мусобиқаи имсолаи раллии «Суғдиён» низ бо баъзе ҷиҳатҳои худ аз пешин фарқ мекунад. Ҳоло аз Русия, Қазоқистон ва Туркманистон барои иштирок ариза расидааст. Инчунин байни дипломатҳои хориҷӣ ва соҳибвазифаҳои дигар бо номи «Директор» ҳамзамон пойга ба амал меояд. Интизорӣ меравад, ки байни бонувон низ пойгаи «Автоледи Ӯзбекистон» дар ин вақт аҷиб хоҳад буд.

**Шаҳобуддин ЗАЙНУДДИНОВ,**
**котиби матбуоти пойгаи «Суғдиён-2002».**

## Маҷлиси комиссия

Ба мақсади таъмини иҷрои вазифаҳое, ки дар маърӯзаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нуҳӯми Олий Маҷлис даъвати дуюм ба миён гузоштаанд, зеркомиссияи оид ба масъалаҳои ислоҳсозии судиву ҳуқуқии Комиссияи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои минбаъда дар мамлакатамон амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ маҷлиси васеи худро гузаронд.

Дар маҷлис раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба қонунбарорӣ, масъалаҳои судиву ҳуқуқӣ Н. Исмоилов ба масъалаҳое истода гузашт, ки аз маърӯзаи Президенти мамлакатамон дар иҷлосия ҳосил мегарданд. Зикр ёфт, ки фаъолияти асосии зеркомиссия ба таҳияи лоиҳаи консепсияи корҳое нигаронда мешавад, зарур аст дар марҳалаи навбатии ислоҳсозии судиву ҳуқуқӣ амалӣ гардонда шаванд. Дар ин бора ҳарф зада шуд, ки аз мақомоти судӣ ва ҳуқуқӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимии соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва як қатор ташкилотҳо таклифу мулоҳизаҳо дар ин бобат мерасанд.

Аъзоёни зеркомиссияи оид ба масъалаҳои ташкили ҳамаҷонибаи корҳои пешбинигардида, дар ин бобат, ки кадом лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ таҳия гарданд ва ба кадом қонунҳои ҷорӣ тағироту иловаҳо бояд дохил карда шаванд, ҳамчунин ба рӯи об баровардани дигар тадбирҳо мубодилаи афкор намуданд.

**(ӮзА).**

## Муаррифии китобҳои дарсӣ

Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ки ба дараҷаи талаботи замон тайёр карда мешаванд, омили муҳим дар бобати баланд бардоштани босамарии таълиманд. Аз ҳамин сабаб ба тайёр кардани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ барои тамоми марҳалаи дар мамлакатамон собитқадамона татбиқ кардани низоми бардавоми таълим омода мегарданд.

Дар ин бора сухан дар маросими муаррифии китобҳо ва дастурҳои таълимии нав барои синфи ҳафтум аз рӯи фанҳои «Фарҳанги мусиқа», «Санъати тасвирӣ» ва барои синфҳои ҳаштуму нуҳӯм-«Нақшакашӣ» рафт, ки дар маркази таълими ҷумҳурӣ ба амал омад. Маросими мазкур ҳамчун муошírати эҷоди байни муаллифони китобҳо ва омӯзгорони амалиётчӣ гузашт.

Ҳарчанд дар мамлакати мо чандин сол боз ҳамчун фанни таълимӣ санъати тасвирӣ омӯзонда шуда истода бошад ҳам, вале китобҳои махсуси дарсӣ барои синфҳои 5-7 набуд. Акнун хонандагони синфҳои ҳафтуми маълумоти ҳамагонӣ аз китоби дарсие баҳра мебардоранд, ки номзади илми педагогӣ А. Сулаймонов якҷоя ба олими санъатшинос Н. Абдуллоев навиштаанду он барои амиқ гардидани дониши муҳассилин дар ин самт мусоидат менамояд.

**(ӮзА).**

## Бахти бузург

Ягон кас муаллиму муаллимаи аввалини худро аз ёд намебарорад ва он бесабаб нест. Чунки вай маҳз ба хонанда ҳарфи аввалро ёд медиҳад, дилашро хун карда, аз паи тарбияи онҳо, нишон додани роҳи рост мегардад. Ва ба ҷумлаи онҳо Турдихон Алимоваро шомил гардондан мумкин аст, ки 35 сол боз дар синфҳои ибтидоии мактаби рақами 202-уми ноҳияи Челонзори шаҳри Тошканд сабақ медиҳад. Шогирдони аввалини ӯ аллакай момову бобо шудаанд ва алҳол ба мактаби ҷонаҷони худ набераҳои худро оварда, ба дасти Турдихонапа месупоранд ва хуб медонанд, ки устози аввалинашон ворисонашонро чун онҳо дуруст тарбия мекунанд, роҳи дурустро дар ҳаёт нишон медиҳанд.

Турдихон Алимова тарбияи хонандагон, ба онҳо бахшидани меҳри баландро барояш бахти бузург меҳисобад ва аз паи баркамол ба воя расондани авлоди наврас мебошад. Аз ин рӯ ӯро ҳама ҳурмату эҳтиром мекунад, аксар сокинони ноҳия ҳамчун устози аввалини худ ба забон мегиранд.

**Мухбири худамон.**

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**



## Подоши меҳнати ҳалол

Ӯ ҳар бор машғулият гузаронад, кӯдакон аз атрофаш намераванд, ба суханонаш бодиққат гӯш меандозанд. Чунки ӯ бештар афсонаҳоро нақл мекунад, ривоятҳоро ба забон гирифта, ҳикоятҳои шавқоварро ба кӯдакон хонда медиҳаду дар дили мурғаки онҳо меҳру муҳаббатро нисбати халқу Ватан, кишвару давлат, волидон бедор месозад. Азбаски машғулиятҳо ҷоннок мегузаранд, кӯдакон аз паҳлӯи ӯ дур намешаванд.

Вай Мавлудахон Охунҷонова мебошад, ки сиюяк сол боз дар як вазифа-мураббии боғчаи рақами 389-уми ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд кор мекунад. Чӣ қадар кӯдаконро тарбия карда, дар дили онҳо меҳру шафқатро ҷойгир кард, Мавлудахон дар ёд надорад. Ҳаминаш аён аст, кки дастпарваронаш ӯро фаромӯш намекунанд, дар рӯзҳои иду тантанаҳо ва зодрӯзаш омада, табрик карда мераванд ва инро ӯ барои худ бахти баланд мепиндорад.

Мавлудахон дар ҳалқаи бачагон шуда, баъзан мураббӣ будани худро фаромӯш мекунад ва ба ҳамин васила ба дили кӯдакон роҳ меёбад. Меҳнати зарбдоронааш муносиб кадр карда мешавад. М. Охунҷонова бо медали «Шӯҳрат»тақдир гардидааст.

## Рамзҳои Ватан

Наммоишгоҳ-озмуни эҷодкорони ҷавони соҳаи санъати тасвириву амалӣ таҳти унвони «Рамзҳои Ватан» ба анҷом расид, ки дар Маркази ҷумҳурии эҷодиёти бадеии бачагон ба амал омад.

Дӯстдорони санъат аз 20 то 27 сентябр аз 300 асаре баҳра бардоштанд, ки бачагон ҳамроҳи устозони худ кашида, ба намоишгоҳ-озмун пешкаш карда буданд.

Ба беш аз 20 иштирокдори намоишгоҳ-озмун аз минтақаҳои мухталифи мамлакат, ҳамчунин тарбиягирандагони Хонаи рақами 23-уми меҳрубонии пойтахт ҷоизаҳо ва тӯҳфаҳои қимматбаоҳ супурда шуданду ба унвони устозони мактабхонон бештар суханони миннатдорӣ баён гардид.

## Мукофотҳо муборак!

Дар арафаи иди умумихалқии Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба як гурӯҳ кормандоне, ки дар низоми таълим ва тарбияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон намунаи ибрат гардидаанд, барои саҳми калон гузоштанашон дар рушди илм, таълиму тарбия, дар ҳаёт татбиқ кардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, корҳои калонашон дар бобати омӯзондани ҷавонон, авлоди наврас ба дараҷаи талаботи замон ва тарбия намудани авлоди наврас дар рӯҳи сарватҳои волои маънавӣ ва ахлоқӣ, садоқатмандӣ ба ғояҳои ватанпарварӣ ва истиқлол, баланд бардоштани нирӯи интеллектуалии халқамон унвонҳои фахрии «Омӯзгори халқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Корманди шоистаи маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Мураббии шоистаи ҷавонони Ӯзбекистон», «Устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» дода, барои меҳнати пурсамару ҳалолашон дар рушди илму таълим, маърифату маънавият, ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар бобати амалӣ гардондани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, ҳиссаи сазоворонаашон дар кори таълиму тарбияи авлоди солиму баркамол, хизматҳои калонашон дар бобати таҳкими дӯстӣ, бародарӣ ва ризоият байни тамоми миллатҳое, ки дар мамлакатамон аҳлона зиндагӣ мекунанд ва сазовори обрӯву эътибори баланд дар байни халқ гаштаанд, ба як гурӯҳ омӯзгорон ва мураббиён бо орденҳои «Эл-юрт ҳурмати», «Меҳнат шӯҳрати», дараҷаҳои якуму дуюми «Соғлом авлод учун», «Дӯстлик» ва медали «Шӯҳрат» мукофотонида шуданд.

Тамоми мукофотонидашудагон ва дар симои онҳо ҳамаи ҷамоаҳои онҳоро аз самими қалб бо ин мукофотҳои волои Ватан муборакбод менамоем, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон бурдбориҳоро таманно дорем.

**(Маводҳоро бахшида ба Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён дар саҳифаҳои сеюму чоруми рӯзнома мутоила намоед).**

*Ба пешвози 2700-солагии Шаҳрисабз*

## Бахшида ба мавқеи таърихии Кеш

Дар Қаршӣ маҷлиси 21-уми семинари илмии ҷумҳурии «Торихи халқи ӯзбек ва далвтдории вай» баргузор гардид, ки Институти торихи Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон якҷоя бо Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус ташкил кардааст. Семинари ҳозира, ки ба муносибати 2700-солаги шаҳри Шаҳрисабз гузаронда шуд, ба аҳамияти воҳаи Қашқакдарё дар торихи давлатдории миллиамон бахшида шудааст.

—Кеши қадима ва маркази вай Шаҳрисабз яке аз марказҳои бузурги фарҳангиву торихии Осиёи Миёна буд ва дар воқеаҳои торихии тамоми минтақа мавқеи муҳим бозид, — мегӯяд мудири шӯъбаи Институти торихи фарҳангистони улум Эркин Нуриддинов. — Вайронашаҳри дар натиҷаи тадқиқотҳои археологӣ ёфтшуда, ба илм таҳти унвони «Узунқир» машҳур аст. Дар мобайнҳои ҳазорсолаи аввали то давраи мо вай пойтахти Суғди Ҷанубӣ буд.

Дар навиштаҷотҳои эпиграфии тахтасангҳои сариқабрии мазор, ки ҳангоми ҳафриёти ба мақсади омӯхтани торихи кишвари қадимии мазкур гузарондашуда ёфтаанд, дар бораи шахсият ва сулолаҳо маълумотҳои гаронбаҳое ҳаст, ки дар дигар манбаъҳо вуҷуд надорад.

Рушди баланди фарҳангии воҳаи Қашқадарё ба асрҳои XIV-XV рост меояд. Дар натиҷаи корҳои ободониву бунёдкории дар давраи ҳукмронии Амир Темур ва сулолаи вай гузарондашуда, пойтахти Кеш Шаҳрисабз яке аз шаҳрҳои зебою беназири Осиёи Миёна гардид ва ба тараққиёти тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи муносиб ҳамроҳ кард.

**Б. ХИДИРОВА, мухбири ӮзА.**

# Вусъати ҳамкорӣ

Куриёи Ҷанубӣ яке аз ҳамкори асосии Ӯзбекистон дар соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои доманадор шудани ҳамкорӣ ба имзо расондани ҳуҷҷатҳои мухталиф нақши калоне мебозанд, ки дар рафти сафарҳои Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Куриё ва сафари Президенти Ҷумҳурияти Куриё ба Ӯзбекистон ба имзо расидаанд. Бояд тазаккур дод, ки Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов се маротиба бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурияти Куриё меҳмон гардидааст. Соли 1994 бошад, сафари расмии Президенти Ҷумҳурияти Куриё ба Ӯзбекистон ба амал омадааст. Яъне Президентҳои Куриё баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатҳои мустақили ҷамоҳири Осиёи Марказӣ танҳо дар Ӯзбекистон меҳмон гардидаанд ва он аз диққату эътибори калони ҳукумати мамлакати мазкур нисбати Ӯзбекистон гувоҳӣ медиҳад.

Куриё сармоягузори рақами якуми иқтисодиёти Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Ширкатҳои куриёгӣ аллакай ба бисёр соҳаҳои иқтисодиёти мамлакати мо — автомобилсозӣ, соҳаи бофандагӣ, телекоммуникатсияҳо ва ғайра сармояҳои зиёде гузоштаанду соҳаҳои мазкур ба содирот бештар маҳсулот мебароранд. Инро дар мисоли корхонаи муштараки «ЎзДЭУавто»дидан мумкин аст, ки алҳол мошинҳои «Тико», «Нексия» ва «Матиз»-ро ба содирот мебарорад. Соҳаи бофандагии мамлакати мо низ ба он муваффақ гардид, ки бо кӯмаки дӯстони куриёгии худ маҳсулотро ба содирот барорад. Муовизаи мол байни мамлакатҳоямон соли 2001 ҳарчанд бӯҳрони иқтисодӣ саросари ҷаҳонро фаро гирифта бошад ҳам, ба 500 миллион доллари ИМА расид, ки натиҷаи бад нест.

Дар бобати рушди ҳамкории байни Куриёи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон саҳми Оҷонсии Куриё оид ба ҳамкории байналхалқии KOICA калон аст, ки ваколатхонаи он дар шаҳри Тошканд соли 1995 кушода шудааст. Оҷонсӣ ба Ӯзбекистон кӯмаки башардӯстона мерасонад, дар бобати тайёркунии кадрҳо ва беҳдошти соҳаи тандурустӣ саҳм мегирад. Ва инро рақами зерин тасдиқ мекунад: кӯмаки башардӯстонаи ин оҷонсӣ ба Ӯзбекистон то ҳол ба 7,6 миллион доллар расидааст. Оҷонсии мазкур дар соҳаи таълим фаъолияти пурҷӯшу хурӯшро пеш мебарад. Бо кӯмаки он дар Тошканд Маркази таълими Ҷумҳурияти Куриё кушода шудааст. Дар он таҳсил аз рӯи маълумотҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ пеш бурда, ҳамчунин омӯзгорони забони куриёгӣ тайёр карда мешаванд. Дар Ӯзбекистон ташкил гардидани 136 мактаб ба забони куриёгӣ аз он далолат медиҳад, ки оҷонсии мазкур дар ин бобат хизматҳои калон кардааст.

3 октябр халқи Куриё иди миллии худ — Рӯзи созмон ёфтани давлати худро васеъ қайд мекунад ва мо ӯзбекистониён дӯстони куриёгии худро бо иди миллиашон аз таҳти дил самимона муборакбод намуда, боварии комил дорем, ки ҳамкории байни мамлакатҳоямон ва халқҳоямон боз ҳам рушд ёфта, дигар соҳаҳоро ҳам фаро мегирад ва баҳри боз ҳам баланд гардидани сатҳи зиндагонии халқҳоямон, шукуфонии мамлакатҳоямон хизмат мерасонад.

**(Хабарнигори худамон).**

**Марҳалаи нави рушд: самтҳо ва вазифаҳои асосӣ**

# Масъалаҳои умдаи сохтмони давлатӣ

***Ҳаёти нав, ҷамъияти навро мо пеш аз ҳама барои худ, барои авлоди наврасе месозем, ки дар оянда барои давом додани кори мо қодиранд.***

***Ислом Каримов.***

Пешрафти ҷамъият, ҳаёти сазоворона ба одамон, тақдири онҳо пеш аз ҳама бо сохтори давлатӣ, фаъолияти давлат бошад, бо сохтмони давлатӣ узван пайваст мебошад.

Файласуфи номдори олмонӣ Гегел дар ин бора чунин гуфтааст:«Сохтмони дилхоҳи давлатӣ—ин маҳсули милливу маънавиест, ки халқ муайян мекунаду дар он дараҷаи худшиносӣ ва рушди тафаккур ба назар бармехӯрад. Чунин пешрафт ҷунбиши марҳала ба марҳала, арзу амали меъёрӣ, аз айём ҷудо нашуда, пеш нагузаштанро тақозо дорад».

Ба ҳамин маънӣ, дар зуҳурёбии масъулияти милливу маънавии халқ, худшиносӣ, фахру ғурур пайдо кардани он мавқеи сарвари давлат калон аст. На ҳар кадом сарвари мамлакат ба амалӣ гардондани ислоҳоти куллӣ даст мезанад, ки рушди ҷамъиятро таъмин месозад. Борҳо исбот гардидааст, ки собитқадамона рушд ёфтани мамлакат, баланд гаштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар мамлакате тез ба чашм бармехӯрад, ки сарвари давлати он ислоҳотро бо амиқан дарк кардани орзуву омоли халқ, бо назардошти он амалӣ мегардонад, ки дар тӯли асрҳо халқ ба он майлу шавқи калон дошт.

Масалан, дар тӯли зиёда аз 200 соли таърихи Амрико бисёр президентҳо ба сари қудрат омадаанд. Вале ба сифати сарвари давлат, дар айни замон ҳамчун ислоҳотгарон, ки саромади навсозӣ мувофиқи манфиатҳои шаҳрвандон ва «падарони демократия» буданд, ки пешрафти мамлакатро таъмин кардаанд, танҳо дар таърих номи Ҷорҷ Вашингтон, Авраам Линколн, Томас Ҷефферсон, Фраклин Рузвелт сатб ёфтаанд.

Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳам ба ҷумлаи чунин ташаббускорону арбобони давлатие шомил аст, ки аз роҳи интихобкардаи халқ намебароядy мамлакати худро дилпурона ба пеш мебарад. Фарқ танҳо дар ҳамин аст, ки президентҳои ИМА ислоҳотро дар самтҳои ҷудогона, аз қабили сохтмони давлатӣ, иқтисодиёт, озодкунӣ ва демократикониии ҷамъият амалӣ гардондаанд. Вале сарвари давлати мо дар саросари ҷаҳон ҳамчун сиёсатмадори дурбину ба худ эътимод дошта эътироф гардидааст, ки дар назди худ ҷорӣ кардани дигаргуниҳои доманадори ҳаётбахшро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт мақсади асосӣ пиндоштааст.

Дар маърӯзаи Президент «Самтҳои асосии минбаъда амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон» дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм роҳи тайкардаи мамлакат дар тӯли беш аз даҳ соли охир амиқан таҳлил гардида, самтҳои устувори рушд дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, дигар соҳаҳо аз нигоҳи назарӣ асоснок карда шудаанд.

Самтҳои мазкури устувор мантиқан бо ҳам вобаста буда, ҳамдигарро пурраву ғанӣ месозанд. Мақсад аз собитқадамона амалӣ гардондани ислоҳот дар мамлакат бошад, дар ба вуҷуд овардани давлати демократии ҳуқуқбунёд, созмон додани ҷамъияти шаҳрвандии адолатнок мебошад.

Чуноне ки сарвари мамлакатамон дар иҷлосия зикр намуданд, мо ба ҳаёте қадам гузоштем, ки ба азму хоҳиш ва саъю кӯшиши асосии халқ мувофиқат мекунад, роҳро ба имконияту пешомадҳои бузурги мамлакат, барои авлоди наврасе боз мекунад, ки пасояндагони мо мебошанд. Ба ин марҳала мо тавассути равандҳои мураккаб, мубоизаҳо, меҳнати душвор, сабру таҳаммул ва аз ҳама муҳимаш, баробари муайян кардани роҳи мушаххас, татбиқ кардани махсусияти миллӣ, баробари татбиқи қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофгардида расидем.

Таҷрибаи таърихӣ собит мекунад, ки рад кардани қоидаҳо ва ғояҳои аз ҷониби умум эътирофгардида ва ё диққату эътибори зарурӣ надодан ба онҳо ҳангоми давлатдорӣ, истифода бурдани онҳо бидуни назардошти махсусияти миллӣ ба оқибатҳои гарон оварда мерасонад. Бидуни онҳо ягон давлат дуру дароз арзи ҳастӣ карда наметавонад. Ва онро дар мисоли собиқ Иттиҳод дидан мумкин аст, ки вожгун гардид.

Ӯзбекистон дар сохтмони давлатдорӣ ба қуллаҳои муайяне расид. Ин пеш аз ҳама дар мушаххасан муайян кардани симои ба вуҷудории давлатдорӣ, созмон ёфтани асосҳои давлатии пурқуввати аз нигоҳи назариявӣ дар амал исботгардида, баъдан, дар нишон додани самараи амалии дар ҳаёт собитқадамона ҷорӣ гардидани ғояҳои пешбинигардида зуҳур меёбад.

Яке аз усулиятҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ба вуҷуд овардани давлатдорӣ ин демократиконӣ мебошад. Аз рӯзҳои аввали истиқлолият мақсади асосӣ эътироф намудан, дар ҳаёт татбиқ кардани демократия, вазифаи асосӣ бошад, ғанӣ сохтани он бо мазмуну мундариҷаи нав бо назардошти ба ҳисоб гирифтани арзишу анъаноти бисёрасринаи халқ, созгории арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, таъмини озодӣ ва тавассути қонун мустаҳкам кардани интизом, марҳала ба марҳала амиқгардонии равандҳои демократия қарор дода шуд.

Ва онро дар мисоли мушаххасан муайян кардани стратегияи рушди мамлакат, самтҳои устувори фаъолиятамон дар бобати амиқ гардондани ислоҳот ва навсозии ҷамъият дидан мумкин аст, ки дар маърӯзаи худ дар иҷлосияи чордаҳуми Олий Маҷлис даъвати якум сарвари давлатамон баён карда буданд.

Дар маърӯзаи Президент дар иҷлосияи якуми Олий Маҷлис даъвати дуюм вазифаҳои асосӣ ва самтҳои сохтмону идораи давлатӣ, дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм бошад, ба сифати самти устувор шартҳои муҳими ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ — қатъиян афзудани нақшу аҳамияти ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҷамъият тавзеҳи худро пайдо кардаанд.

Табиист, ки савол ба миён меояд:моҳият ва аҳамияти онҳо дар чист?

Ва он пеш аз ҳама нишон медиҳад, ки мамлакати мо ба дараҷаи нави амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ баромадааст. Ва он имконият фароҳам овард барномаҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие ба сифати заминаи пурқуввати назариявӣ таҳия гарданд, ки дар бобати минбаъда амиқ гардондани дигаргуниҳо ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ нақши калоне мебозанд.

Оқибат имконияти саҳеҳ гардондан ва амалӣ гардондани вазифаҳое фароҳам омад, ки дар соҳаи сохтмону идораи давлатӣ пешбинӣ гардида буданд. Зиёда аз ин он барои баланд бардоштани мавқеи ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ, табдил додани онҳо ба сохтор корҳое ба иҷро мерасанд, ки мақоми худро дар ҷамъият пайдо кардаанд.

Маълум аст, ки дар муайян кардани ҷой ва мавқеи мамлакат на танҳо иқтидори сохтори мамлакат, балки чӣ қадар пурқувват будани худи ҷамъият дар ин давлат нақши ҳалкунандаро мебозад. Ӯзбекистонояндаи худро дар ҷамъияти пурқуввати шаҳрвандии адолатнок мебинад. Ба ҳамин маънӣ ғояи «Аз давлати пурқувват — ба давлати пуриқтидор» маънои суст кардани давлатро надорад. Баръакс, сохтмони ҷамъияти пурқувват дар давлати пуриқтидор баробари истифода бурдани нерӯи он роҳи ягонаи дуруст мебошад.

Албатта, давлат ҳини он аз як қатор вазифаву ваколатҳои худ ихтиёрона даст мекашад. Ва онро дар ду самт амалӣ гардондан мумкин аст.

Аввало, мақомоти мутамарказонидашудаи давлатӣ вазифаҳои худро ба мақомоти поёнии давлатӣ вомегузорад.

Дуюм, вазифаҳои мақомоти давлатӣ марҳала ба марҳала ба зиммаи ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ мегузаранд.

Ҳангоме, ки як қатор ваколатҳои давлатӣ ба мақомоти поёнӣ дода мешаванд, ваколатҳои давлат боқӣ мемонад, вале масъалаҳо дар мақомоти давлатии ба халқ наздик ҳаллу фасл мегарданд ва аз ин рӯ аз болои онҳо ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ сабук ва ба осонӣ сурат мегирад. Баъдан, вазифаву ваколатҳои давлатӣ пурра ба зиммаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ гузошта мешаванд.

Ҷамъияти пурқувват ин ҷамъияти шаҳрвандист. Такягоҳи чунин ҷамъият ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ мегарданд. Аз ҳамин сабаб шарти асосии он самти устувор пайдо кардани мавқеи онҳо ба ҳисоб меравад. Ва он маънои вусъат додани вазифаву ваколатҳо, таҳкими асосҳои ҳуқуқии фаъолияташон, тайёркунии онҳоро ба чунин кор тақозо дорад.

Баланд бардоштани мақоми ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ ба суст накардани фаъолияти давлат таъсир нарасонда, вазифаҳои асосӣ боиси раҳоӣ ёфтан аз баъзе корҳое мегардад, ки онро бидуни дахолати давлат ҳаллу фасл кардан мумкин аст.

Дар ин раванд пеш аз ҳама дахолати давлат ба соҳаи иқтисодӣ, корҳои хоҷагидорӣ, фаъолияти сектори хусусӣ маҳдуд мегардад. Бидуни он ҳатто дар хусуси иқтидори бозаргонӣ ҳарф задан мумкин нест. Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ нақши давлат асосан дар ташкили иқтисодиёт ва муайян кардани самтҳои асосии рушди он, ба вуҷуд овардан ва такмил додани асосҳои ҳуқуқии он, таъмини бечунучарову ҳаматарафа иҷро гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҷорӣ, боз кардани роҳи васеъ барои рағбатноксозии ташаббускориву тадбиргарӣ, ба вуҷуд овардани муҳити рақобат намоён мегардад.

Масъалаи бартарӣ доштани қонун дар бобати озодкунии ҷамъият, ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар айёми худ мутафаккирони бузургамон, аз он ҷумла Абу Наср Форобӣ зикр карда буд, ки ба даст омадани бартарияти қонун дар идораи давлатӣ зарурати сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ва он нишон медиҳад, ки комёб шудан баробари бартарӣ доштани қонун ин анъаноти давлатдории миллиамон аст.

Дар маърӯзаи Президент масъалаи мазкур рушди худро ёфтааст. Дар он баробари таъмини волоият доштани қонун масъалаи пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ оид ба дар ҳаёт татбиқ кардани қонунҳо пеш гузошта шудааст, ки сифати махсуси ҷамъияти шаҳрвандиро муайян мекунад.

Дар мамлакати мо рушдёбӣ дар доираи усулияти ҳаётии «Адолат—дар волоият доштани қонунҳо» пеш бурда мешавад, ки дар он арзишҳои аз ҳама бузургамон, аз қабили адолат ва усулияти воло—бартарӣ доштани қонун таҷассум гардидааст, ки ҳамчун асоси муҳим баҳри манфиати шаҳрвандон хизмат мерасонад.

Президент бори дигар зикр намуд, ки кам кардани назорати давлатӣ боиси барҳам задани коррупсия мегардад, ки алҳол яке аз камбудиҳои асосӣ буда, ба рушди ҷамъият халал мерасонад. Он чиз возеҳу равшан мегардад, ки бо роҳи озодкунӣ, кам кардани назорати давлатӣ муаммоҳои муҳим ҳаллу фасли худро меёбанд. Пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ бо роҳи кам кардани ваколатҳои давлат пурра ба талабҳои демократия ҷавобгӯст.

Дар иҷлосия бори дигар диққату эътибор ба воситаи муҳими босамари озодкунии ҳаёти ҷамъиятӣ — дар амал марҳала ба марҳала таъмин кардани вогузоштани вазифаҳои мақомоти марказии давлатӣ ба зиммаи идораи поёнии давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон ҷалб карда шуд. Мақомоти худидора имрӯзҳо аллакай ба сохтори боварибахш мубаддал гардидаанд, ки ба онҳо бештар шаҳрвандон муроҷиат мекунанд ва онҳо ба ҳаллу фасли муаммоҳои мухталифи ҳаёт қодир будани худро дар амал исбот мекунанд. Ҳоли ҳозир мақомоти худидораи шаҳрвандон бисёр вазифаҳоеро мустақилона ба иҷро мерасонанд, ки пештар дар зиммаи мақомоти давлатӣ буд. Аз он ҷумла, онҳо вазифаҳоро оид ба ҳаллу фасли масъалаҳои расондани кӯмаки моддӣ ба оилаҳои камбисот, муқаррар кардани кӯмакпулӣ ба оилаҳои сербача, муайян кардан ва додани маблағ ба модароне ки бо парвои кӯдаки дусола машғуланд, ҳамчунин ташкили корхонаҳои хурд ва барҳам задани фаъолияти онҳо ба иҷро мерасонанд. Мақомоти худидора дар маҳалҳо вазифаҳои номнавискунии вазъи шаҳрвандӣ ва як қатор вазифаҳои мақомоти нотариалиро ҳам иҷро мекунанд. Ба ҷуз ин дар тадбирҳо бахшида ба ҳифзи муҳити атроф, зиддисӯхтор, назорати фаъолияти объектҳои хизматрасонии маишӣ, савдо иштирок мекунанд ва он ҳамчун далел барои гузаштани вазифаи назоратии давлат ба зиммаи назорати ҷамъиятӣ, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ хизмат мерасонад.

Идома додани ин кори хайр, марҳала ба марҳала ба рӯи об баровардани тадбирҳо, ба он тайёр кардани мақомоти худидора ва аҳолӣ кафолатгари комёбиҳои минбаъда мегардад.

**Озод ҲУСЕЙНОВ,**
**проректори Фарҳангистони сохтмони давлатӣ ва ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**
**(ЎзА).**

## НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

### Роҳҳо равон — дилҳо шодон

**Намангон**. Маркази вилоят боз ҳам зебову обод мегардад. Бинобар меҳнати фидокоронаи роҳсозони Ҷамъияти саҳҳомии «Намангон ободончилиги» кӯчаи ба номи Бобораҳим Машраб, ки аз хиёбони Амир Темур то назди бозори кишоварзии «Чорсӯ» тӯл кашидааст, ба куллӣ аз нав сохта, ободу зебо гардонида шуд.

—Дар тӯли як километр масофа кӯчаро дар асоси андозаҳои байналхалқӣ пурра аз нав сохтем. 460 метри кӯча, ки ҳаракати дуҷониба дорад, роҳрави чорметра барои нақлиёт ва дар 600 метри боқимонда роҳрави нақлиётро дар ҳар ду ҷониб то ба 11,5 метр расонида шуд. Илова ба ин дар мобайни кӯча гулхонаи бараш 3 метра низ бунёд кардем, ки ба кӯча таровати аҷибе бахшидааст. Дар ҳарду канори кӯча барои пиёдагардон роҳравҳои якунимметра низ сохта шуда, бо деворчаҳои базеби декоративӣ ва ҷӯйҳои бетонӣ аз роҳи нақлиёт ҷудо гардидааст. Барои азнавсозию ободонгардонии кӯча ҷамъ 7,5 ҳазор тонна мум, 2 километр ҷӯйчаҳои бетонӣ (лоток), 2 километр деворчаҳои бетонӣ сарф гардида, ба арзиши 100 миллион сӯм корҳои бунёдкориро ба сомон расонидем,—гуфт дар сӯҳбат бо мо раиси раёсати ҷамъияти саҳҳомӣ Баҳромҷон Бӯтаев. Кормандони корхонаи «Намангоннур» барои чароғонгардонии хиёбони нав саҳмгузорӣ намудаанд. Хиёбони нав баъди таъмиру азнавсозӣ ба ҳусни шаҳр таровати тозае бахшида, боиси хушҳолию кайфияти хуши шаҳриён гардид.

### Салоҳияти содирот меафзояд

Бинобар насими рӯҳафзои истиқлол кишварамон ба яке аз мамлакатҳои калонтарини содиркунандаи нахи пахта табдил ёфтааст.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи чораву тадбирҳои аз монополия баровардани саноати пахтатозакунии ҷумҳурӣ ва инкишоф додани он», ки 11 июни соли 2001 интишор гардида буд ва қарори мутобиқи фармони номбурда қабулгардидаи Девони Вазирон ҳамаи корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ табдил дода шудаанд. Дар асоси қарори ҳукумат дар деҳаи Юқори Ровустони ноҳияи Намангон анборхона-терминали замонавии бузург барои марказонии содироти нахи пахта ва нигоҳ доштани ин ашёи пурқимати саноатӣ сохта шуд.

— Анборхона-терминал барои нигоҳ доштан ва ба харидорони хориҷа дар ҳаҷми калон фурӯхтани нахи пахта пешбинӣ шуда, иқтидори ғунҷоиши 100 ҳазор тонна ин ашёи хоми пурқиматро дорад. Анборхона дар соҳа калонтарин буда, барои захираву нигоҳ доштани тамоми маҳсулоти саноати пахтатозакунии водии Фарғона пешбинӣ шуда, барои васеъгардониву марказонии салоҳияти содиротии саноати пахтатозакунии вилоятҳои водии Фарғона имкониятҳои калон фароҳам меорад. Анборхона аллакай бо тепловози замонавии «Қалъмар», кранҳои азими борбардор, автомошинҳои махсуси борбардори истеҳсоли Чопон (автокар), автомобилҳои пурқудрати боркаши «Мерседес-Бенс»-и истеҳсоли Олмон, ду шохаи мустақили роҳи оҳан таъмин гардидааст, — гуфт ҷонишини директори терминали Ҷамъияти саҳҳомии «Интертола» Р.Исмоилов. Бидуни ин терминал-анборхона бо василти замонавии робита, дастгоҳҳои компютерӣ, иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ ва захираи калони об муҷаҳҳаз аст.

### Бо омодагии ҳаматарафа

**УЧҚӮРҒОН.** Соли нави таҳсили 2002-2003 давом дорад. Бино бар маълумоти мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳияи Учқӯрғон Ҳ.Отавалиев маорифчиёни ноҳия иди Истиқлол ва иди Донишро бо хушнудӣ ва тайёрии ҳаматарафа пешвоз гирифтанд.

—Бо кӯмаку ёрии амалии ҳокимияти ноҳия, ҷамоаҳои корхонаву ташкилотҳо, хоҷагиҳо, фирмаю корхонаҳои хусусӣ ба соли нави таҳсил аз ҳарсола хеле барвақттар омода гаштем. Дар 43 мактаби таълими умумӣ, 44 муассисаи томактабӣ ва 6 ташкилоти томактабии дар ихтиёрамон буда корҳои таъмиру азнавсозӣ ҳанӯз моҳи июл ба охир расида буд. Соли равон ба корҳои таъмир 63 миллиону 224 ҳазор сӯм харҷ гардид. Имсол дар муассисаҳои таълимиамон китобҳои дарсиро дар асоси иҷора доданро ба роҳ мондем. Ба ин мақсад 23 миллион сӯм маблағ ҷудо гардидааст. Барои фарзандони оилаҳои камтаъмин сару либоси мактабиро низ омода карда мондаем. Дар давоми таътили тобистона 850 нафар омӯзгорон дар сиҳҳатгоҳҳои гуногуни ҷумҳурӣ истироҳат карданд. 1250 нафар ходимони таълим ба шаҳрҳои таърихии кишварамон саёҳат карда баргаштанд,—гуфт зимни сӯҳбат мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳия Ҳ.Отавалиев.

Омӯзгорону мураббиёни шӯъбаи таълими халқи ноҳия ҷавобан ба ғамхории ҳукумати ҷумҳурӣ оиди баланд бардоштани музди меҳнаташон бо ғайрати дучанд ба кор шурӯъ намудаанд.

**А.НУРИДДИНОВ.**

# Дар арафаи ҷашн

Дар Андиҷон конфронси илмӣ ба амал омад, ки созмондиҳандаи он Бунёди байналхалқии ба номи Бобур буд. Ва он ба даҳсолагии созмон ёфтани бунёду ташкил гардидани экспедитсияи ҳамноми он бахшида шуд, ки алҳол фаъолият пеш мебарад.

Дар тӯли солҳои сипаришуда корҳои зиёде ба иҷро расонда шуданд. Дар натиҷаи ҳамкории бисёрҷанба бо кормандон, дӯстони хориҷа бунёд аз паи ба Ӯзбекистон баргардондани дастхатҳои нодир мебошад. Аз он ҷумла, бо кӯмаки доктор Ян Хонзел ва Юрген Андреас Эрнест аз Гамбург нусхаи девонҳо, ҳамчунин 141 ҳазор воҳид матн гирифта шуданд, ки ба давраи ҳукмронии бобуриён алоқаманд мебошад. Хуррам Раҳимов ба бунёд китоби Арнолд Хоттингер «Акбари Бузург»-ро тӯҳфа намуд. Қамар Раис аз Ҳиндустон девони Бобурро тақдим кард, ки соли 1902 дар Калкутта рӯи чопро дидааст. То ҳоли ҳозир шӯъбаҳои бунёд дар Лаҳор, Деҳлӣ, Мазори Шариф, Абу Забӣ, Билефолде, Киото, Манчестер, Маскав, Тошканд, Ӯш, Намангон фаъолият пеш мебаранд.

Бунёд 9 экспедитсияро гузаронд, ки аз даҳҳо мамлакатҳо, аз Африко сар карда то соҳилҳои уқёнуси Ором тӯл кашидааст. Дар рафти онҳо маводи бои илмиву таърихӣ ҷамъ оварда шуд. Аз он ҷумла ба Андиҷон беш аз 400 китоб оварда, беш аз 20 кино ва видеофилм ба навор бардошта шуданд. 10 китоб рӯи чопро дид, ки иштирокдорони экспедитсия иншо кардаанд.

Авлодони алҳол зиндаи бобуриён дар Ҳиндустон ва Англия ёфт шуданд.

Ҳини конфронс маросими муаррифии «Бобурнома» ба амал омад, ки пурра гардонда, аз нав таҳия гардидаасту он мероси асосии адабии Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба ҳисоб меравад.

Дар конфронс нотиқон зикр намуданд, ки аллакай дар тӯли панҷсад сол ин асари беҳамтои арбоби давлатӣ, сарлашкар, олим ва шоир обекти диққату эътибори доимии тадқиқотгарони саросари ҷаҳон қарор гирифтааст. Ба забонҳои мухталиф тарҷума гардида, гаштаву баргашта рӯи чопро мебинад. Дар айни замон то ҳоли ҳозир ягона нусхаи асар ба забони ӯзбекӣ ҳаст, ки соли 1960 рӯи чопро дидаасту аммо аз як қатор камбудиҳо иборат буд. Гурӯҳи олимон таҳти сарпарастии Саидбек Ҳасанов ба нашри нави он аз нуқтаи назари танқидӣ назар афканда, онро аз нав таҳия намуданд ва барои он ҳамчун асос осори сермашаққати олими бобуршиноси ҷопонӣ Эйчи Маноро ба назар гирифтанд, ки он соли 1996 рӯи чопро дидааст.

Китоб аз ҷониби Ширкати нашру табъи «Шарқ» аз нав чоп гардида, хуб оро дода, аз он миниатураҳои зебо ҷойгир гашта, бо иловаҳо ва шарҳҳо пурра гардонда шудаанд.

Ба фикри иштирокдорони конфронс хонандагони ватанамон китоби наверо гирифтанд, ки ҳаматарафа хушсифат мебошад. Ва он дар навбати худ тӯҳфаи хуб ба 520-солагии ҷашни Бобур аст, ки соли 2003 дар саросари ҷаҳон васеъ қайд карда мешавад.

**С.ШУКУРОВ,**
**мухбири ЎзА.**






# Мувофиқи талаби мардум

Ҷамъияти саҳҳомии матлуботи чаканаву яклухтфурӯшии ноҳияи Чуст муассисаи калонтарини хизматрасонии савдо дар ноҳия мебошад. Дар ихтиёри он 85 мағоза, 1 мини маркет,29 мағозаи хонагӣ, 5 мағозаи маҳсулоти саноатӣ, ду мағозаи сайёри автомобилӣ буда, ба зиёда ба 122 ҳазор шаҳрванд хизмат мерасонад. Инчунин 5 сехи дӯзандагӣ, нонвойхона, корхонаи макаронсозӣ ба мардум хизмат мерасонад.



Дар зарфи 6 моҳи гузашта аз тарафи ҷамъияти мазкур 120 миллиону 100 ҳазор сӯмина маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ оварда шуд. Ба шаҳрвандон ба ҷои 550 миллиони дар реҷа буда, 704 миллиону 962 ҳазор сӯмина хизмати савдо расонданд. Ин ба ҳисоби ҳар як кас 6772 сӯмро ташкил медиҳад.

Дар ҷамъият бисёр кормандоне ҳастанд, ки бо хизмати шоёнашон ба дигарон намунаи ибрат мебошанд. Соли гузашта дар арафаи 10-солагии мустақилияти Ӯзбекистон корманди савдо Эргашбой Аҳмедов бо медали «Шӯҳрат» сарфароз гардид. Дар ин ҷо Ҷ. Ҷалилов, В. Зарифов, М. Тошканова, К. Маҳмудов барин кормандони савдоро бо фахр ба забон мегиранд.

Бахри баланд бардоштани таҷрибаю дониши коркунони савдо эътибори калон медиҳанд. Д. Караева, М. Обидова, М. Холдоров, Т. Раззоқов, М.Абдуллоев, М. Салоҳиддинова, С. Абдураҳмоноваҳо дар соҳаи савдо соҳиби маълумоти олӣ ва миёнаи махсусанд.

Барои ба шаҳрвандон муҳайё кардани 8 намуди маҳсулоти хӯрокворӣ аз берун 73 тонна орд, 56 тонна равған, 3,55 тонна чой, 253,6 тонна биринҷ, 6 тонна макарон оварданд.

Дар ин ҷо ҳимояи иҷтимоии кормандони савдо дар мадди аввал аст. Ба собиқадорони меҳнат ба миқдори 656 ҳазору 100 сӯм, ба кормандону хизматчиён 1 миллиону 71 ҳазору 200 сӯм ёрии моддӣ расонда шуд. Ба кормандону хизматчиён хӯроки нисфирӯзии бепул ташкил шудааст, дар ин бора 2 миллиону 643 ҳазору 500 сӯм харҷ шудааст.



Кормандони Ҷамъияти саҳҳомии матлуботи чаканаву яклухтфурӯшии Чуст минбаъд ҳам ба шаҳрвандон хизмати намунавии савдо расонданро мақсади асосӣ медонанд.

**Анвар МУРОДОВ.**

**Дар аксҳо: 1.** Намуди зоҳирии мағозаи мини маркет дар деҳаи Каркидон. **2.** Фурӯшанда **Малоҳат Шарипова** бо харидорон. **3.** Корманди сехи нонпазӣ **Беҳзод Қурбонов. 4.**Корманди сехи макаронистеҳсолкунӣ **Камол Абдуллоев**

**Суратгир муаллиф.**

# Ҳоло ӯ ҷавон...



Оне, ки дар борааш қисса карданием, ҳанӯз ҷавон аст. Муаллимаи синфи ибтидоии мактаби миёнаи рақами дуюми ноҳияи Сӯх Шоира Саломова. Худро нишон додан, бештар тавфиқ ёфтан ва шояд як муаллимаи номдор қарор гирифтани ӯ ҳанӯз дар пеш аст. Вале аллакай вай як қатор корҳои хубро ба сомон расонда, мавриди назари волидон гардидааст. Ва ҳар кас мехоҳад тифли худ ба ихтиёри вай диҳад. Ин табиист:—кӣ намехоҳад фарзандашро ба дасти омӯзгори хуб насупорад?

Дар синфе, ки як вақтҳо Шоира ва ҳамдарсонаш сабақомӯз буданд, аълохонон хеле зиёд бошанд ҳам, танҳо ӯ соли 1988, баъди хатми мактаб ҷуръати идомаи таҳсил кард. Бале, дар ноҳияи Сӯх на ҳар духтар бо вуҷуди аълохон будан ҷуръати хонданравӣ мекунад.

Омӯзишгоҳи омӯзгории Конибодомро соли 1992 хатм намуда, Шоира муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи рақами сеюми ноҳияи Сӯх гардид. Бо тақозои шароити оилавӣ соли 1999 ба мактаби рақами дуюм, ба ҳамон маърифатгоҳе тақдирашро пайвастааст, ки дар он таҳсил карда буд. Як сол дар гурӯҳи машғулоташ бардавом тарбиятгар шуда кор кард. Соли 1999 навомӯзони ҳафтсоларо ба ихтиёраш супурданд ва инак 23 нафар дастпарварони ӯ синфи сеюмро хатм намудаанд.

—Ҳама аълохонанд?—Пурсидем аз Шоира, ки дар хусуси дониши баланд доштани хонандагони ӯ—синфи сеюми «Б» пештар шунида будем. Не,—лабханд ҳиҷолатомез намуд муаллима,— танҳо даҳ нафарашон. Боқӣ хубхонанд.

Рустамова Рӯшона, Мадалиева Моҳчеҳра, Ўринбоев Фаррух, Маҳманазарова Сарвиноз... Афсӯс, имкон нест, ки ҳамаи аълохононии Шоираро ин ҷо ном барем. Фақат ҳаминро таъкид карданием, назар ба шоҳидии ҳамкорони Шоира, бисёр талабагон хубхони синфи вай аз аълохонҳои дигар синфҳо «бақувваттар»-анд.

Талабагони Шоира баробари дониши амиқ ва интизоми намунавӣ доштан дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъоланд. Тадбири маънавие, ки бе иштироки онҳо рӯи кор ояд. Дар қироати шеър, суруд, намоиши саҳнача, мусобиқоти варзишӣ дастпарварони ӯ мадди назаранд. Бо либоси талабагии якхела, ки ба бар доранд, онҳо хеле дилкаш ба назар менамоянд. Салиқаи хуши зебоипарастии Шоира ва диди баланди эстетикиаш ин ҷо кор додааст. Волидон, ки робита бо онҳо мустаҳкам аст, муаллимаро аз ҷиҳати таъмини либоси якхела низ дастгирӣ намудаанд. Ҳам арзон ва ҳам зебову шинам ва хоси синну соли талабагӣ. Дили талабагон ҳам намеранҷад, ки чи хел либос пӯшидааст.

Хуб мешуд дигар синфҳо, ақаллан синфҳои ибтидоӣ, аз синфи Шоира ибрат гиранд ва ҳанӯз аз оғози соли таҳсили нав ғами формаи талабагӣ низ хӯрда шавад.

Шоира мекӯшад, ки талабагон сад фоиз бо ашёҳои хониш таъмин бошанд. Китобҳои забони тоҷикӣ, математика ва хониш, ки нашриёти «Ўзбекистон» бо забони тоҷикӣ баровардааст, дастрасанд. Ва ин китобҳои дарсиро, ки ба осонӣ рӯи нашрро надидаанд, талабагон эҳтиёт мекунанд. Ҳисси эҳтиёт кардан ба қадри чизи хуб расиданро низ дар қалбу ҳисси хонандагони хурдсол Шоираи хуштадбир парвардааст.

Таълими фанҳои асосӣ ба зиммаи Шоира буда, танҳо баъзе предметҳо (забони русӣ, ўзбекӣ ва тарбияи ҷисмонӣ) ба муаллимони дигар вогузор шудааст. Бо онҳо робита мустаҳкам аст. Ҳамчунин бо тарбиятгари машғулияти бардавом муаллима пайваста кор мебарад. Бо ҳампешагони таҷрибанок Бобоев, Қаюмова, Қосимҷонова, Абдувоҳидова, Шодиева ва дигарон перомуни муҳимтарин масоили таълими ибтидоӣ маслиҳату машварат менамояд.

Таҷрибаи Шоира воқеан ба ҳамкорон, ки дар дувоздаҳ синфҳои ибтидоӣ фаъолият мебаранд, ибратангез аст. Вай бештар ба хонандагоне машғул мешавад, ки қобилияти фикррониашон нисбатан суст аст. Ин тоифа дар ҷараёни дарс муайян мешаванд. Бо онҳо ҳамроҳи аҳли синф кор мебарад. Яъне ба талабагони ҷудогонаи сустхон баробари устод ҳамдарсон низ кӯмак мекунанд ва ба сафи худ мекашанд. Вале ин кори нозук аст. Муаллимаи дидбин тарзе рафтор мекунад, ки на танҳо хонандаи сустхон, балки ҳамсинфони вай, ки басо кунҷкованд, аз сустфаҳмӣ ва мадди назар будани ӯ пай набаранд.

Дар синфи Шоира Саломова муносибат бо дафтари хонандагон басо ҷолиби диққат аст. Дафтари фанҳои забон ва математика, ки дар ду намуданд, яке дар муаллима, дуюм дар талабагон нигоҳдорӣ мешаванд. Дафтарҳо сари вақт санҷида ва ба саволи хаттии хонандагон баҳои адолатнок гузошта мешавад.

То ин ки талаба босаводона, бехато, тез ва зебо бинависад, ҳам ба тахтаи синф ва ҳам ба дафтар муаллима дарсҳои иловагӣ мегузаронад. Тафтишу назоратро ҷоннок мекунад. Хушхату хушсаводон рӯҳбаланд карда мешаванд. Ва ҳама ҳам мекӯшад, ки аз сафи ин тоифа, ки дар назари эътиборанд, қарор ёбад.

Чанде пеш дар мактаб конфронси синфҳои ибтидоӣ баргузор гардид ва чаҳор нафар санҷишгарон—намояндагони дигар мактабҳои ноҳия, ки ба синфи Шоира ворид шуда буданд, хоссатан ба ҳусни хати хонандагон, ки зебо менависанд, баҳои баланд доданд.

Дарвоқеъ, доири ҳуснихати беҳтарин дар синфҳои ибтидоӣ ҳар сол озмуну азназаргузарониҳо барпо мешаванд. Ба талабагони Шоира Саломова, ки дар мактаб ғолиб дониста шуда буданд, дар озмуни ноҳиявӣ низ ғолибият даст дод ва онҳо барои иштирок дар зинаи вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Ва дар вилоят ҳам хушнависони синфи Шоира диққати доварони дақиқсанҷро ба худ ҷалб кард ва ҷои дуюмро сазовор донистанд. Зимнан, то алвақт дар озмуни хушнависон намояндаи ягон мактаби тоҷикии вилоят ба чунин комёбӣ муваффақ нашуда буд.

Шоира ҳанӯз ҷавон аст ва бовар ҳаст, ки дӯстонаш ўро боз ба бисёр комёбиҳои наҷиб дар соҳаи омӯзгорӣ муборакбод менамоянд.

**Ш.МУҲАММАД.**

# Виҷдони пок

## (Очерк)

(Аввалаш дар саҳ.3)

—Шояд додарам навишта бошад, вай бо рӯзномаҳо каме алоқа дорад.

—Не, шумо навиштагӣ.

—Худои болои сар гувоҳ, аз ин қабил корҳо хабар надорам,- аз тӯҳмати ногаҳонӣ ранҷида гуфтам ман.

—Пас «хабар надорам, ҳеҷ гуна шикоят нанавиштаам» гуфта навишта диҳед,- таъкид кард вай.

«Ман навишта додам. Бо ҳамин онҳо рафтанд, бо ташвиши рӯзгор ба ту дар ин бора ҳарф заданро фаромӯш кардаам. Мебахшӣ».

Сафарака бо баҳонаи «саҳв»-и маккорона аз корсозии мутасаддиёни савдо огоҳ гардид ва дар ин бора боз навишт. Ниҳоят аз идораҳои бонуфуз муфаттишон омаданд. Вале беоқибатию лоқайдӣ ва мунофиқии ҳамсоя Сафаракаро дар вазъи ногувор гузошт.

«Ман чӯбро ба нархи худаш гирифта будам»,—навишта дод вай ба онҳо. Ӯ баъди рафтани «меҳмонон» аз ваъдахилофии худ шарм дошта гуфт:

—Агар рости гапро мегуфтам, маро ба ҳар ҷо даъват намуда, овора мекарданд.

Ҳамин тариқа фактҳои шикоятнома «тасдиқ наёфт».

◆◆◆

Сафарака ба газетаҳои марказӣ навиштани масъалаю нуқсонҳои ҷойдоштаро бас накард... Албатта чунин рафтори як омӯзгори мактаби деҳаи назарногири шафати дашт на ба ҳама писанд меомад. Аз ин рӯ ӯ ҳис мекард, ки гоҳ аёну гоҳ ноаён баъзе роҳбарон ба вай фишор овардан мехоҳанд. Боре онҳо ба ин муяссар низ шуданд.

Тирамоҳи соли 1984. Пахтачинӣ идома меёфт. Чун одат талабагон ба ҳосилғундорӣ ҷалб гардида, муаллимон дар ҳар бригада ба онҳо сарварӣ менамуданд.

Сафарака ҳамроҳаш—омӯзгори ҷавонро назди талабагон гузашта худ барои муайян намудани сабаби ба пахтачинию набаромадани ду-се нафар хонанда сӯи деҳа рафт. Тасодуфан котиби ҳизби вилоят ҳамроҳи роҳбари ноҳия омаданд. Ҳарчанд ки ба онҳо вазъиятро фаҳмонданд, вале бегоҳӣ С. Абдуллоев дар ҷамъомади штаби ноҳиявӣ ҷазои ҳизбӣ гирифт...

◆◆◆

Хоҷагиҳои ҳамсояи хоҷагии ширкатии ба номи Ш. Рашидов (ҷамоаи шаҳрвандони «Вардансе») чанд сол ин ҷониб аз гази табиӣ истифода мебаранд, вале бо сабабҳои барои мо номаълум (шояд аз сабаби бепарвоию сустии роҳбарону мутасаддиёни собиқ бошад) ин ҷо овардани газ он тараф истад, ҳатто лоиҳаю як қатор ҳуҷҷатҳои бо ин масъала вобаста дар нимароҳ мондааст. Аз ин рӯ омӯзгор С. Абдуллоев маҷбур шуд, ки ба ин дахолат кунад. Вай чанд сол инҷониб аз паи расмият даровардани ҳуҷҷатҳои газ ба идораҳои дахлдори ноҳиявию вилоятӣ сар халонда, ба идораҳои бонуфузтарин низ мактубҳо ташкил мекунад.

Азбаски хоҷагии ба номи Ш. Рашидов аз маркази ноҳия 10-12 километр дур аст, баъзан лозим меояд, ки аз хизмати телефонӣ низ истифода бурда шавад.

Рӯзе Сафарака ба идораи хоҷагӣ рафту ба ҳокими ноҳия сим зад. Вай аз мулоқот бо сарвари ноҳия қаноатманд гардида, гӯшакро ба ҷояш гузошт. Рӯҳаш бардошта шуда мехост, ки аз ҷояш хезад. Ҳамин вақт нигоҳаш ба амалдори ҳамшафаташ афтод, ки чун мӯи оташгирифта ба худ мепечид.

—Шумо кистед, ки бо ҳоким бо телефон гап мезанед?—заҳрхандакунон лаб во намуд ӯ.

—Хушбахтона, ҷавонмарди хоксор аст, ҳокимамон. Аз ин рӯ, ҳадам ғунҷида аз рӯи зарурат ба вай занг задам. Нисбати мансабпарастон ҳаргиз ин корро карда наметавонам,-гуфту аз дар баромад.

◆◆◆

Сафаракаро ду- се бор дар бозори Ғиждувон дидам, ки мавиз мефурӯхт. Вақте ки харидорон нархро фуровардан мехостанд, ӯ «Илоҷ надорам, моли хоҷагӣ, бо фактура гирифтаам» мегуфт. Аз ин суханон афзудани ҳайратамро дида вай эзоҳ дод:

—Барои пардохтани музди лоиҳаи гази деҳот, ки дар Тошканд тайёр шудааст, хоҷагӣ маблағ надорад. Азбаскӣ чораи дигар нест, мавизи хоҷагиро ба ивази маблағи ҳосилшуда аз Тошканд гирифта овардани ин лоиҳаро ман ба зиммаи худ гирифтам.

Ба қарибӣ боз бо омӯзгор рӯ ба рӯ шуда, аҳвол пурсидам. Вай бо соддадилии ба худ хос хандид:

—Гапи хона ба бозор рост наомад. Бо розигии маъмурияти хоҷагӣ ба арзонтар карданни мавиз маҷбур шудам.

Мӯҳлати фурӯши маҳсулот низ кашол ёфт. Ба ҳар ҳол маблағи зарурӣ ба даст омад,—гуфт ӯ хушҳолона.

◆◆◆

Рӯзи ба нафақагуселкунии Сафарака мактаби азизи деҳа ба назар чун ҳарвақта оддӣ ва ҷозибанок метофт.

Вай машғулиятҳои рӯзи охирини кории худро низ чун ҳарвақта бо табиати ба худ хос бо ҷӯшу хурӯш мегузаронду баъзан аз эҳсоси ботинии танҳо ба худаш аён дилаш пур, нафасаш танг шуда, дар чашмонаш ашк ҳалқазаданд. Вале омӯзгор бо қатъият (то ки шогирдон пайхас накунанд) онро фурӯ менишонд.

Баъди интиҳои дарсҳо аҳли ҷамоа ҷамъ омаданд. Ду сол муқаддам ҳамин ҷамоаи ба дилу дида пайванд ҳамсару ҳамкасби меҳрубонаш Дилбар Султоноваро низ бо сари баланд ба нафақа гусел карда буданд. Имрӯз навбат ба ӯ расид.

Нигоҳҳои меҳрбори аҳли маҷлис сӯи омӯзгор дӯхта шуданд. Шогирдону дӯстон, ҳамкасбону роҳбарон инсони комил Сафар Абдуллоевро чун рамзи садоқату сарбаландӣ, виҷдони поку ҳаёти ибратбахши беолоиш бо синни муборакки камолоташ табрику муборакбод гуфта, ба вай тӯҳфаҳо супориданд.

Мо низ ба муаллим хушнудию бурдбориҳо таманно дорем.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**





# Дар роҳи равнақи таълим

Коллеҷи касбу ҳунари иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Мирзообод яке аз муассисаҳои таълимии касбу ҳунари аз ҳама ҷавони вилояти Сирдарё ба ҳисоб меравад. Ба созмон ёфтанаш ҳамагӣ як сол пур шудааст. Даргоҳи мазкури таълим бо услуби замонавӣ қад кашида, ба 450 муҳассил пешбинӣ гардидааст ва 200 нафар хонанда дар хобгоҳ ҷойгир шудаанд.

Ҳоли ҳозир дар коллеҷи мазкур 350 нафар таҳсил доранд. Ба онҳо 32 нафар омӯзгорон ва мураббиёни баландмалака сабақ медиҳанд. Муҳассили коллеҷ сирру асрори касбҳои муҳосибӣ, соҳаи молия, кори бонк, фаъолияти ҳуқуқии хоҷагидорӣ, назорати давлатии автомобил, дӯзандагиро аз бар намуда, баъди хатми ҳамчун мутахассисони баландмалака дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ фаъолият пеш бурда метавонанд.

Дар коллеҷ машғулиятҳо бо кӯмаки воситаҳои замонавии таълим пеш бурда мешавад ва он имконият медиҳад, ки дарсҳо пухта аз бар гарданд.

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз фаъолияти коллеҷи касбу ҳунари иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Мирзообод.

**Аксбардор: Илҳом ТӮРАЕВ. (ЎзА).**

# Санъати дипломатии бачаҳо

Дар пойтахти Ўзбекистон аз 27 сентябр то 2 октябр озмуни якуми байналхалқии Тошканд ба номи Камолиддин Беҳзод дар мавзӯи «Ман ва модарам» ба амал меояд. Дар он рассомони ҷавони ҳамаи минтақаҳои мамлакат ва 26 давлати хориҷӣ асарҳои худро ба намоиш мегузоранд.

Ташкилкунандаи озмун Академияи бадеии Ўзбекистон бо дастгирии Вазорати умури хориҷа, маданият, таълими халқи ҷумҳурият, сандуқи байналхалқии «Соғлом авлод учун», ширкати радио ва телевизион ва дигар ташкилотҳо мебошад.

Дар он мусобиқоти эҷодӣ баробари ҳаваскорони ҷавони санъати Ўзбекистон, инчунин намояндагони Озарбойҷон, Миср, Бангладеш, Белоруссия, Олмон, Гурҷистон, Ҳиндустон, Индонезия, Ирон, Куриё, Қирғизистон, Литва, Молдова, Покистон, Русия, Словакия, ИМА, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина, Чехия, Эстония, Ҷопон ва дигар мамлакатҳо иштирок хоҳанд кард.

Дар байни 2817 нафар иштирокдор 1907 нафар духтар, 910 нафар писар дар 3 тоифаи синну сол—аз 5 то 8, аз 8 то 12 ва аз 12 то 15 сола ҳастанд.

Беш аз 60 муассиса ва ташкилотҳои хориҷӣ, ки бо масъалаи эҷодиёти бадеии бачаҳо сару кор доранд, кӯшиш намудаанд, ки намунаҳои эҷодӣ дастпарварони худро ба ин озмун фиристонанд.

Мукофоти олии озмун—Гран-при ба як нафар иштирокчӣ якҷоя бо диплом супурда мешавад. Се нафар иштирокчӣ аз тоифаи синну соли хурд, миёна ва калон бошад, бо медалу дипломҳои дараҷаи 1, 2, 3 тақдир карда хоҳанд шуд. Иштирокдороне ки аз рӯи мавзӯъҳои «Инъикоси хуби мавзӯъ», «Барои оригиналии техникӣ», «Барои фантазияи эҷодӣ» дипломӯ тӯҳфаҳои ёдгорӣ дода мешавад.

Ҳайати жюрӣ аз 15 нафар иборат буда, дар байни онҳо мутахассисон, намояндагони миссияҳои дипломатии хориҷа, бачаҳое, ки дар озмунҳои байналхалқӣ ғолиб баромадаанд, ҳастанд.

Он факт хушнудкунанда аст, ки тамоми тадбирҳои гузарондани озмун бо дастгирии комбинати металлургии кӯҳии Навоӣ «Совпластитал», Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолии «Фонон», намояндагии «Росзарубежцентр», Маркази илмӣ-таълимии сафоратхонаи Ҷумҳурии Ямани Араб ва Маркази маданинии сафоратхонаи Ҳиндустон дар Ўзбекистон ба амал бароварда мешавад.

**С.ҚУРБОНОВ, ОИ «Ҷаҳон».**

# Турфа олам

## Мунтазири фарзанди 31-ум

Падаре, ки фарзанди навбатии худро бесаброна мунтазир аст, ба қарибӣ 96-солагии худро ҷашн намуд. Ба ин қадар синну сол нигоҳ накарда, падар фарзанди навбатиро мунтазир аст ва танҳо писар шудани онро мехоҳад.

Гап дар сари он аст, ки Ҷанарупой Сеювал, ки дар шаҳри Непал зиндагӣ мекунад, ҳафт ҳамсар дошт. Аз онҳо сӣ фарзанд дидааст, ки ҳамааш духтаронанд. Сеювал бошад, чандин сол боз мунтазири писар- меросхӯри оянда аст.

Сеювал якуним сол муқаддам ба зани 34-сола хонадор шуд ва он ба ҳисоб издивоҷи ҳаштумаш мебошад. Зеро ҳамаи ҳафт ҳамсари пештарааш қазо кардаанд.

Ҳамсари наваш бошад, бева буд. Аз шавҳари пештарааш танҳо писар тавлид кардааст. Вале онҳо бо сабабҳои мухталиф вафот карданд. Аз ҳамин сабаб ӯ низ бо нияти фарзанддор шудан ба мӯйсафед издивоҷ кардааст. Ба гуфти ҳамсояҳо падари қаҳрамон нисбати синну соли худ ҷавонтар ба назар бармехӯрад, бақувват аст. Ҳар рӯз ба тарбияи бадан шуғл меварзад. Ба намудҳои мухталифи варзиш сару кор дорад.

Саъю ҳаракатро барои саломатиам давом медиҳам. Ҳаракат мекунам фарзанди навбатиам писар шавад. Агар писар нашавад, дар он сурат ба тақдир тан медиҳам ва дар ҳаёт зиёдатӣ буданамро ба гардан мегирам,-гуфтааст падари оянда.

Охир, нияти нағз нисфи давлат гуфтаанд. Шояд орзуи падари пиронсол ҷомаи амал пӯшад.

## Китобе, ки дар хишт ҷойгир шудааст

Дар китобхонаи Салтиков—Шедрини Санкт-Петербург шӯъбаи дастхатҳо буда, дар он ҷо китоби нодире маҳфуз аст. Ва он китоби «Ҳикматҳо»-и Аҳмад Яссавӣ мебошад.

Дастхати нодири мазкур чӣ тавр дар ин китобхона пайдо шудааст? Гап дар сари он аст, ки аз ин чандин сол муқаддам ба Санкт-Петербург аз осиёи Миёна як «тӯҳфа» фиристода шуда буд. Ва он аз хишти хоми хурдтарак иборат буд. Ва ин хиштҳои хом ҳини сохтмони биноҳо фаровон истифода мегардид.

Дар хате, ки ҳамроҳи ин «тӯҳфа» ирсол гардидааст, дар байни хиштҳо маҳфуз будани дастхати нодире ҳам иншо ёфта будааст.

Олимон баъдтар ба он мароқ зоҳир намуданд. Онҳо қариб якуним сол ба ҷудо карда гирифтани варақаҳои дар даруни хиштҳо буда машғул гардиданд. Ва саҳифаҳои ҷудогардида, китоби «Ҳикматҳо»-и Аҳмад Яссавӣ будааст.

Онро аз тарси ҷон яке аз дӯстдорони Яссавӣ ба хишт ҷойгир карда, барои умри тӯлонӣ пайдо кардани он саҳм гирифтааст. Чунки ин қабил китобҳоро пештар ҷамъ оварда, месӯхтанд.

## Ба ҳайвоноти хонагӣ дӯст шавед

Олимони амрикоӣ натиҷаҳои тадқиқоти худро ҷамъбаст намуда, онро эълон карданд. Мувофиқи он бачагоне, ки ба гурбаву саг сарукор доранд, нисбати дигарон ба маризии диққинафас камтар дучор шуданашонро аз нигоҳи илмӣ исбот карда доданд.

Аз гуфти корманди коллеҷи тиббии иёлати Чарҷия, роҳбари тадқиқот Деннис Сунбин маълум мегардад, ки натиҷаҳо худи олимонро ҳам ба ҳайрат гузошт. Чункӣ онҳо тавассути ин ҷараён акси онро нишон доданӣ буданд. Олимон пеш аз тадқиқот тахмин доштанд, ки ҳайвоноти хонагӣ яке аз манбаъ дар бобати сар задани маризиҳои ҳассосият аст. Тадқиқотҳои гурӯҳи дигари олимон нишон дод; бачагоне, ки дар шаҳр истиқомат доранд, нисбат ба ҳамсолони деҳотии худ бештар ба маризии ҳассосият дучор мешудаанд. Ва ба он олимон бачагони шаҳрӣ ба ҳайвоноти хонагӣ кам мулоқот доштани онҳоро сабаб нишон медиҳанд.

## Мошини «чойхӯр»

Автомобил ҳам чой истеъмол мекардааст. Ба ин хабар на ҳамагон бовар мекунанд. Вале дар намоишгоҳи автомобилҳо, ки дар шаҳри Мадрид ба амал омад, ҳамагон «чой» истеъмол кардани автомобилро дида, ҳангу манг шуда монданд. Муаллифи ихтироъ Рамар Пиллаӣ аст. Таркиби сӯзишвории он иборат аз шарбати чой, лимӯ, намак ва каме аз бензин буд. Танҳо дар муҳаррикҳои карбюратор дошта истифода мегардад. Мошин хуб ҳаракат карда, як мароми кори муҳаррикро таъмин мекардааст. Нархаш ҳам он қадар гарон нест. Як литраш 5 сент меистад. Партови аз он ҳосилшуда ба муҳити атроф умуман зарар намерасонад. Муаллифи ихтироъ ҳатто маълумоти миёна надораду вале он боиси даҳ маротиба арзон гардидани сӯзишвории автомобил гардидааст.

## Кушандаи нафт

Олимони микробиологи Донишгоҳи давлатии Куба навъи микроберо офариданд, ки нафту маҳсулоти нафтиро, истеъмол мекунад. Микробе, ки ба як қуттӣ майонез меғунҷад, заминеро тоза карданашон мумкин аст, ки ба 2000 тонна нафт олуда гардидаанд.

Микробҳоро ба замин партофта, онро побел кунед кофист. Дар як дам замин тоза мешаваду ҳаёт давом мекунад.

## Гӯшаки дандон

Аз тарафи ихтироъгарони британӣ технологияи нав офарида шуд. Мувофиқи он акнун гӯшаки телефон намешавад. Ҷои онро асбобчае ишғол мекунад, ки ба дандон шинондан мумкин аст. Агар касе ба он мароқ зоҳир кунад, ба осорхонаи илми Лондон ташриф оварад.

## Ҷангалзори аз ҳама қадима

Полеонтологҳои амрикоӣ аз наздики Денвер ҷангалзори аз ҳама қадимаро ёфтанд. Ва ташкилёбии ҷангалзори мазкур ба давраи мезозоӣ рост меомадаст. Дар натиҷаи ба ҳам бархӯрдани замину астероид нобуд гардида, ба олами наботот ва ҳайвонот зарар расондааст. Аз ин рӯ чанд навъи рустанӣ наҷот ёфтааст.

Ва аз ин рӯ ҷангалзори мазкур ҳамчун макони қадима эътироф гардид.

## Гарон меафтад

Пиразани ҳаштодусолаи олмонӣ якҷоя бо набераааш алҳол дар курсии ҷиноят нишастааст ва онҳоро суд кардаанианд. Ба онҳо айби сохтани пули қалбакӣ ва паҳн кардани он гузошта шудааст. Пиразан 500 маркаро гирифта, тавассути компутер нусхабардорӣ кард ва пули ҳақиқиро баҳисобсурати набераи хонадоршавандааш гузаронд. Ба мақсади хабардор кардани набераааш хат навишт ва 500 маркаи нусхабардорӣ кардаашро ба он ҳамроҳ карда фиристод. Набера онро пули ҳақиқӣ пиндошта, ба коркуни меҳмонхона ба сифати ҳаққи хизмат ҳадя намуд. Буду шуду гап дар ҳамин аст.

## Меваи аз ҳама қимматбаҳо

Меваи ним унсия ваздоштаи дарахти нефелиум дар савдои музояда ба нархи рекордии аз ҳама баланд—45270 фунт-стерлинг фурӯхта шуд. Номи дуюми дарахти нефелиум «крижови чинӣ» буда, дар Чин ба миқдори зиёд парвариш карда мешавад. Ҳар сол дарахти мазкур чанд маротиба мева медиҳад. Ҳини ҳукмронии сулолаи Син меваҳои дарахти мазкур ба дастархони оилаи император пешкаш карда шудааст.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 943.***
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. Тухтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.